## 08. 00. 00 – ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ
## 08. 00. 00 – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ
## 08. 00. 00 – ECONOMIC SCIENCES

08. 00. 01 Назарияи иқтисодӣ
08. 00. 01 Экономическая теория
08. 00. 01 Economical theory

УДК 330.1
ББК 65.9(5т)
М20

# ҶАНБАХОИ АФКОРИ ИҚТИСОДИИ МИЛЛӢ ДАР ҚОБУСНОМАИ У. КАЙКОВУС

***Мамадов Сайидмуродхон Валиевич*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва андози МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд),* *e-mail:* mamadov-sv@mail.ru

# АСПЕКТЫ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ МЫСЛИ В «КАБУС-НАМЭ» У. КАЙКАВУС

***Мамадов Сайидмуродхон Валиевич*** *- кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансы и налог ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail:* mamadov-sv@mail.ru

# ASPECTS OF DOMESTIC ECONOMIC THOUGHT IN "KABUS-NAME" U. KAYKAVUS

***Mamadov Sayidmurodkhon Valievich*** *- PhD in Economic Sciences, Assoc.Prof., Head of Finance and Tax Department under Khujand State University named after academician B.G.Gafurov (Tajikistan Republic, Khujand), e-mail:* mamadov-sv@mail.ru

***Вожаҳои калидӣ:*** *таърихи афкори иқтисодии миллӣ, «феодализми давлатӣ», муносибатҳои хоҷагидорӣ ва тиҷоратӣ-пулии байни минтақаҳои исломӣ ва ғайриисломӣ, омӯзиши касбу ҳунар, иқтисодиёти рӯзғордорӣ, майли меҳнати ҳадди ақал, ҷанбаҳои эндогении меҳнат.*

*Дар мақолаи мазкур таҳлили ақидаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, низоми муносибатҳои иқтисодии феодализми шарқии Осиёи Миёна дар «Қобуснома»-и У.Кайковус, аз нуқтаи назари арконҳои илмии эътирофшудаи назарияи иқтисодии классикӣ кушиш карда шуд. Омӯзиши муттасили миллӣ-таърихии шаклҳои хоҷагидорӣ ва таҳлили он дар осори мутафаккирони тоҷик, на танҳо дониши моро бо афкори иқтисодии ниёгонамон шинос менамояд, балки ба андозаи муайян барои беҳтар дарк намудани вазъи кунунӣ имконияти васеъ фароҳам меорад. То ҳол, асарҳои мутафаккирони ватанӣ аз нуқтаи назари ақидаҳои фалсафӣ ва сиёсии онҳо таҳлил мешуданд, дар ҳоле, ки ба ақидаҳои иқтисодии онҳо кам таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст.Дар баробари ин, мақолаи мазкур ба хотираи олими барҷастаи тоҷик, ки дар рушди таърихи афкори иқтисодии ватанӣ саҳми бузург гузоштааст, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исломов Султонмурод Исломович бахшида мешавад.*

***Ключевые слова:*** *история отечественной экономической мысли, «государственный феодализм», экономические и торгово-денежные отношения между исламскими и неисламскими регионами, освоение ремёсел, экономика домохозяйства, предельная склонность к труду, эндогенные аспекты труда.*

*В данной статье предпринята попытка анализа социально-экономических взглядов У.Кайкавуса в «Кабус-намэ», в системе экономических отношений среднеазиатского варианта восточного феодализма через призму общепризнанных методологических концепций классической экономической теории. Изучение национально-исторической преемственности форм хозяйства и его анализ в трудах отечественных мыслителей позволяет не только углубить наши знания в области экономической мысли наших предков, но и в определенной мере позволяет лучше понять сегодняшнюю ситуацию. До настоящего времени, работы отечественных мыслителей подвергались анализу с точки зрения их*

*философских и политических взглядов, тогда как, посвященных их экономическим воззрениям, почти отсутствуют.Наряду с этим, данная статья посвящается памяти видного таджикского учёного, внесшего огромный вклад в развитие истории отечественной экономической мысли, доктора экономических наук, профессора Исломова Султонмурода Исломовича.*

***Key-words:** history of domestic economic thought, «state feudalism», economic, trade and monetary relations between Islamic and non-Islamic regions, mastering crafts, household economics, marginal propensity to labor, endogenous aspects of labor.*

*This article attempts to analyze the socio-economic views of U. Kaykavus in "Kabus-name", in the system of economic relations of the Central Asian version of Eastern feudalism through the prism of generally recognized methodological concepts of classical economic theory. The study of the national-historical continuity of economic forms and its analysis in the works of domestic thinkers allows us not only to deepen our knowledge in the field of economic thought of our ancestors, but also to a certain extent allows us to better understand the current situation. Until now, the works of domestic thinkers have been analyzed from the point of view of their philosophical and political views, while those devoted to their economic views are almost absent.*

*Along with this, this article is dedicated to the memory of a prominent Tajik scientist who made a huge contribution to the development of the history of domestic economic thought, Doctor of Economics, Professor Islomov Sultonmurod Islomovich.*

Яке аз хусусиятҳои ташаккули афкори иқтисодӣ, асосҳои сиёсати иқтисодӣ - ин омӯзиши осори фарҳангии миллӣ бо назардошти таъсири маданияти тамаддуни башарӣ мебошад. Ҷараёни ташаккул ва инкишофи таърихи афкори иқтисодии ватанӣ бо муаммоҳои сершумор сурат гирифт, хоса инкишофи иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва мавқеи иқтисодӣ – ҷуғрофиявии сотсиуми тоҷиконро дарбар мегирад.

Ба ақоиди иқтисодӣ ва осори маданӣ – фарҳангии иқтисодӣ нақш ва таъсири дини мавҷуда, парокандагии феодалӣ, ҷараёни тавлиди «феодализми давлатӣ» дар фазои инкишофи заифи муносибатҳои хоҷагидорӣ, тиҷоратӣ ва пулии байни минтақаҳои исломӣ ва ғайриисломӣ бисёр калон ва тақдирсоз буд.

Илми таърихи афкори иқтисодӣ ба мо имконият медиҳад, ки ба саҳифаҳои аз назари муосир пӯшидаро назар кунем ва тавлиди афкори иқтисодии миллиро эҳсос намоем.

Чунончи, профессор Исломов С.И. собит менамоянд, ки таърихи афкори иқтисодӣ илми ниҳоят муҳим ва дар айни замон хеле ҷолиб ва аҷоиб аст. Ҳар як фарди равшанфикри замони мо бояд дар бораи назариёти иқтисодӣ тасаввуроти муайяне дошта бошад, зеро иқтисод ва назарияи иқтисодӣ ба масъалаҳое сарукор дорад, ки касеро бетараф гузошта наметавонад. Ва на танҳо проблемаҳои хусусияти шахсӣ, фардӣ дошта, балки масъалаҳое, ки хусусияти сиёсӣ доранд ва ба манфиати ҳар як узви ҷомеа дахолат мекунанд. Назарияи иқтисодӣ ба саволҳое посух медиҳад, ки дар баробари ҷомеа ва миллат қарор доранд. Таърихи назариёти иқтисодӣ аз ҷумлаи илмҳоест, ки шаклҳои гуногуни оламро меомӯзанд.

Имрӯз аҳамияти таърихи назариёти иқтисодӣ ба ҳайси омили тезонидани рушди иқтисодию иҷтимоии ҷомеа меафзояд. Мақоми иқтисоддонон низ дар анҷоми тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ вусъат меёбад. Донистани қонунмандии иқтисодӣ боиси афзудани дараҷаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардонидани қарорҳои ҳам хоҷагӣ ва ҳам сиёсӣ мегардад.

Ҳар як давру замон таърихи халқи тоҷик ба ҷаҳониён мероси беҳамто тақдим намудааст, ки то ҳоло бо мазмун ва мундариҷаи хеш муосиронро ба ҳайрат меоварад. Яке аз зумраи чунин осори бебаҳо ин Қобуснома Унсуралмаолии Кайковус ба шумор меравад.

Ба ақидаи М. Муллоаҳмадов, «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус дар силки он дурдонаҳоест, ки зиёда аз 900 сол пеш аз ин эҷод шуда, то имрӯз арзиши худро аз даст надодааст ва ҷилову дурахши пешинаашро нигоҳ доштааст. Аз ин китоб, ки саросар аз панду андарзҳои ҳакимонаву ҳикоёту саргузаштҳои ибратбахш иборат аст, чандин насл сабақи зиндагӣ омӯхта, дарси ахлоқу одоби ҳамида гирифтаанд ва бо тарзи рӯзгордории гузаштагон шиносоӣ пайдо карда, анъанаҳои неки ононро давом додаанд.

Қобили қайд аст, ки «Қобуснома» аз ҷониби яке аз охирин намояндагони сулолаи Зиёриён, ки дар асрҳои X-XI дар ноҳияи Кӯҳистон, ки ҳоло дар марзи Эрони муосир қарор дошта, ҳукмрон будааст, иншо шудааст. Оиди зиндагинома ва шахсияти Унсуралмаолии Кайковус ибни Искандар ибни Қобус Вушмагир дар сарчашмаҳои таърихиву адабӣ маълумоти мухтасар боқӣ намондааст, ба ғайр аз худи «Қобуснома».

«Қобуснома» бо ду забон- форсии дарӣ (тоҷикӣ) ва арабӣ эҷод шуда, ашъори пароканда ва боқимондаи он дар рисолаи «Камол- ул- балоғат» сабт шудаанд.

Донишманди маъруф Абӯрайҳони Берунӣ яке аз асарҳои хеш «Осор – ул – боқия»-ро бо гиромидошт ва сипосгузории зиёд ба ӯ бахшидааст. Қобуснома аз 44 боб иборат буда, ҳар боби он ба яке аз масъалаҳои мухталифи ахлоқу одоб, расму оин, омӯзиши касбу ҳунар, таҳсилу таълим, рӯзғордорӣ, сиёсат, давлатдорӣ ва ғайра бахшида шудааст.

«Қобуснома» ба шакли насиҳат ба фарзандаш Гелоншоҳ интишор шуда, Унсуралмаолии Кайковус ба фазилатҳои инсонӣ такя мекунад.

Унсуралмаолии Кайковус омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои мухталифро талқин намуда, онро ҳамчун ганҷи бебаҳо ситоиш мекунад. Эшон тарзу усул ва равиши касбу ҳунар ва пешаҳои гуногунро ба таври муфассал тасвир намуда, нозукиҳои он касбҳоро баён мекунад ва хуб донистани онҳоро барои ҳамаи одамон новобаста аз табақаву нажод зарур мешуморад. Вале илму ҳунар ба осонӣ ба даст намеояд ва аз ҳар кас меҳнату машаққати зиёдеро талаб мекунад.

Унсуралмаолии Кайковус дар «Қобуснома»-и хеш мефармояд: «коҳилӣ фасоди тан бошад. Аз баҳри он ки тани маро таҳарруки табиӣ нест ва ҳар ҳаракате, ки тан кунад, ба фармон кунад на ба мурод ва ҳаргиз то ту нахоҳӣ ва нафармоӣ тани туро орзуи кор кардан набошад».

Дар ақидаи мазкур Унсуралмаоли Кайковус перомуни ирода сухан меронад, ки бо назардошти мустаҳкамии он, ҷисми инсонӣ майли меҳнат пайдо мекунад, дар акси ҳол одат ба коҳиливу танбалӣ ва тарки меҳнат тавлид мешавад.

Аз нуқтаи назари Унсуралмаолии Кайковус сабабҳои майл ба меҳнат аз иродаи инсон баҳри қонеъ намудани талаботи хеш ба вуҷуд меояд. Аммо бо вуҷуди он омилҳое ҳастанд, ки таъсири худро ба майли меҳнат мерасонанд. Онҳо кадоманд?

Сифат ва самаранокии майл ба меҳнат куллан аз он иродаи инсон бо назардошти малакаи касбӣ, мақсадҳои маънавӣ ва таҷрибаи хоса миллии субъекти иқтисодӣ ва дигар омилҳо вобастагӣ доранд. Чунончӣ, инсон ҳамчун субъекти иқтисодӣ зери фишори нерӯҳои иҷтимоии сари қудрат буда, ки қисми зиёди маҳсули меҳнати ӯро бо фишангҳои иқтисодию маъмурии давлатӣ тасарруф менамоянд, майли меҳнати ҳадди ақал дошта ба он  хунукназарона эътибор медиҳанд, аз ин ҷиҳат сифат ва самараи меҳнати субъекти иқтисодӣ дар дараҷаи пастарин қарор дорад. Ва баръакс, дар ҳоли дастгирии ҳамаҷониба, озодии интихоби самт ва раванди меҳнат, сабукии сиёсати фискалӣ, ҳифзи иҷтимоии субъекти иқтисодӣ ва кафолати давлат майли меҳнатии ӯ афзун мегардад.

Дар боби шашуми «Қобуснома» Унсурмаолии Кайковус перомуни ҳунар ва ҳунаромӯзӣ мефармояд, ки: мардуми беҳунар доим бесуд бошад чун муғелон, ки тан дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайрро бадтар он бошад, ки на гавҳар дораду на ҳунар. Аммо ҷаҳд кун, ки агарчи асилу гавҳарӣ бошӣ, гавҳари тан низ дорӣ, ки гавҳари тан аз гавҳари асл беҳтар, чунон ки гуфтаанд: «Шарафу бузургӣ дар хираду адаб аст, на дар нажоду насаб».

Зимни ақидаи мазкур, Унсуралмаолии Кайковус зикр онро дорад, ки: «ба ҳунари худ ғарра машав. Ва ба ҳунару хиради мардумон нигоҳ ҳамекун. Ҳунар омӯз ва аз омӯхтану сухани нек шунидан нанг мадор, то аз нанг раста бошӣ. Ва нек бинигар ба неку бад ва айбу ҳунари мардумон ва бишинос, ки нафъу зарари эшон ва суду зиёни эшон аз чист ва то куҷост ва манфиати хеш аз он миён биҷӯӣ. Ва пурс, ки чӣ чизҳост, ки мардумро ба зиён наздик кунад, аз он дур бош ва бад он наздик бош, ки мардумро ба манфиат наздик гардонад ва тани хешро ба фарҳангу ҳунар омӯхтан одат деҳ. Чизе ки надонӣ, биёмӯзӣ ва ин туро ба ду чиз ҳосил шавад: ё ба кор бастани он чиз, ки донӣ, ё ба омӯхтани он чиз, ки надонӣ».

Омӯзиши ҳунарро Унсуралмаолии Кайковус аз иқдомҳои нек шуморида, оиди фазлу карами ҳунармандиро бо устувории мавқеи иҷтимоии инсон ва бартарии хешро нисбат ба ҳаммонандонро баён мекунад.

Унсуралмаолии Кайковус дар бобати омӯзиши илм ва ҳунар бо ақидаи қавӣ зикр мекунад, ки: «Дониш ҷустан бартарӣ ҷустан бошад бар ҳамсарони хеш ва ҳаммонандон ва даст боздоштан аз фазлу ҳунар нишони хурсандӣ бувад бар фурӯмояготн. Ва омӯхтани ҳунар ва танро молида доштан аз коҳилӣ сахт судманд аст, ки гуфтаанд: «Коҳилӣ фасоди тан бошад». Агар тан туро фармонбардорӣ накунад, нигар то оҷиз нашавӣ. Зеро ки тан аз коҳиливу дӯстии осоиш туро фармон набарад…Ва чун тани хешро фармонбардори хеш кардӣ, ба омӯхтани ҳунар саломатии ду ҷаҳон ёфтӣ, ки саломатии ду ҷаҳон андар ҳунар аст ва сармояи ҳама некиҳо андар донишу адаб аст».

Ба андешаи Унсурмаолии Кайковус омӯзиши ҳунар ин сарчашмаи меҳнат аст ва дар иродаи инсон перомуни масъалаи мазкур бо характери дугоникӣ ҳам ҳунаромӯзӣ ва ҳам меҳнат зикр мешавад. Инсон бо интихоби дугоники хеш метавонад баҳри осоиши тани худ ва озор надодани он аз

ҳунаромӯзӣ ё меҳнат даст кашад ва инчунин баҳри дастрас намудани неъматҳои моддӣ ва ноил гаштан ба мавқеи хоси иҷтимоӣ тани хешро бо меҳнат ранҷ диҳад ва ба ҳадафҳои дар боло зикр гардида ноил гардад.

Ҳоло характери дугоникии меҳнат ва таснифоти онро мо метавонем дар асарҳои классикони мактаби англисии иқтисодӣ сиёсӣ А. Смит, Д. Рикардо, мактаби иқтисодии марксизм К. Маркс мутолиа намоем. Боиси зикр аст, ки сарчашмаи илҳомбахши парвози ақидаҳо ва андешаҳои илмӣ, назариявии онҳоро мо дар асарҳо ва рисолаҳои ниёгони бузург ва шарифи хеш мебинем, чунки осор ва мероси адабии онҳо асрҳо қабл аз классикони аврупоӣ эҷод шуда, хонандаи хешро ёфтаанд.

Қобили қайд аст, ки меҳнат ва сарчашмаи он, ҳунарро ҳамчун «сармояи ҳамаи некиҳо» мебинад, ки асосгузорони мактаби классикии англисии иқтисоди сиёсӣ дар асарҳои безаволи хеш доир ба масъалаҳои зикргардида ақидаҳои худро дарҷ намудаанд, ки аз зумраи он - назарияи меҳнатии арзиш, самаранокии меҳнат омилҳои истеҳсолот мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Исломов С. Таърихи иқтисодиёти мамлакатҳои хориҷӣ. Душанбе. Ирфон. 2007. С.124.
2. Исломов С. Таърихи назариёти иқтисодӣ. Душанбе. 2008. С.293.
3. Исломов С. Исломов Т. Назарияи иқтисодӣ. Душанбе. Ирфон. 2013. С. 262.
4. Муллоаҳмадов М. Ганҷинаи ҳикмат. Маориф. Душанбе. 1979. С.157.
5. Кайковус У. Қобуснома. Душанбе. Маориф. 1979. С.177.


## REFERENCES


1. Islomov S. Economic history of foreign countries. Dushanbe. Irfon 2007. P. 124.
2. Islomov S. History of economic theory. Dushanbe. 2008. P.293.
3. Islomov S. Islomov T. Economic theory. Dushanbe. Irfon. 2013. P.262.
4. Mulloakhmadov M. A treasure trove of wisdom. Maorif. Dushanbe. 1979. P.157.
5. Kaykavus U. "Kabus-name". Maorif. Dushanbe. 1979. P.177.